Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-**003** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои таълимии 8, синфхонаи 101)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматзода Мавзунахон Даврон дар мавзуи «Мукамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар шароити иқтисоди бозор сармояи саҳомии ҷамъиятҳои саҳомӣ яке аз объектҳои нисбатан нави баҳисобгирӣ мебошад. Дар айни замон корхонаҳо бо як катор проблемаҳои баҳисобгирии сармояи худӣ, аз чумла, тахия нашудани санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии алохида, ки баҳисобгирии онҳоро ба танзим медароранд.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар марҳилаи ҳозира бисёр унсурҳои таркибии сармояи худӣ категорияҳои нисбатан нав мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ сармояи оинномавӣ дар корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ташаккул меёбанд. Таркиби сармояи худӣ ҳамчун нишондиҳандаи баҳисобгирӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта мувофиқат намекунад. Мафҳуми сармояи худӣ дар иқтисоди бозорӣ аҳамияти хоса дорад. Барои баҳисобгирии ташаккул ва истифодаи фоидаи тақсимнашуда равишҳои гуногун мавҷуданд. Аз ин рӯ, дарки моҳияти ин категорияҳо, методологияи баҳисобгирии онҳо ва инъикоси маълумот дар бораи ҳолати онҳо дар ҳисоботи молиявӣ танҳо дар марҳилаи такомул қарор дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва аудити сармояи худӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Вобаста ба ин, проблемахои асоснокунии назариявию методологи ва коркарди методологии мукаррарот оид ба ташаккули маълумот дар **низоми** бахисобгирӣ ва аудит дар бораи сармояи худии корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Вале дар давраи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ коркарди низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилии чандирӣ, ки ба омилҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳо мутобиқ мегардад, зарур мебошад. Барои ин бояд таҳқиқоти маҷмуии ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилию методии баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ анҷом дода шавад. Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки мавзуи интихобнамудаи Раҳматзода М.Д. дар айни замон мубрам ва рузмарра мебошад.

Аз таҳлили автореферат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмию методӣ анҷом дода шудааст. Саҳми арзандае, ки муаллиф барои рушди

баҳисобгирӣ ва ва аудити сармояи худӣ гузоштаст, ба ақидаи мо, ин асоснок кардани рисолати ва аудити сармояи худӣ ва таърифи муаллифии ва аудити сармояи худӣ мебошад (с. 14), инчунин вобаста аз раванди ташаккулёбии сармояи худӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ, аз рӯйи унсур, сармояи маблағгузоришуда ва сармояи андӯхташуда гуруҳбандӣ кардааст (с. 15).

Мо ба ақидаи муаллиф, ки вобаста ба таъсири омилҳои гуногун ба ташаккул ва пешбурди баҳисобгирии сармояи худӣ, аз ҷумла таъсири институтҳои байналмилалӣ ва талаботи ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъият, низоми истифодашавандаи баҳисобгирӣ, нақши давлат дар танзими баҳисобгирии муҳосибӣ, омилҳои динӣ, омода кардани мутахассисон ва салоҳияти касбии онҳо, анъанаҳои устуворгардида дар ташкил ва пешбурди баҳисобгирӣ, талабот ба тавзеҳоту пешниҳоди иттилоот оид ба сармоя дар ҳисоботи молиявӣ, корбурди СБҲМ ва ғайра (с. 17-18) розӣ ҳастем.

Пешниҳоди муаллиф доир ба таъмини ташкилию методии баҳисобгирии сармояи худӣ ва модели таҳиянамудаи ӯ аҳамияти назариявӣ ва ҷолибияти амалӣ дорад (с. 20). Инчунин, пешниҳоди муаллиф вобаста аз мақсади идоракунии сармояи худӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии ҷамъияти саҳомӣ ба ҳисобҳои 33010 «Саҳмияҳои оддӣ» ва 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» кушодани ҳисобҳои тартиби сеюми таҳлилӣ (бо нишон додани ному насаби иштирокчӣ (саҳмдор), дар асоси феҳристи соҳибмулкон) ба мақсад мувофиқ буда, ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии сатҳи гуногун аҳамияти амалӣ ва методӣ доранд (с. 21).

Татбиқи амсилаи пайдарпайии баҳисобгирии сармояи худӣ мутобиқи талаботи СБҲМ таҳия кардаи муаллиф (саҳ. 23), ки давраҳои ташкили баҳисобгирии сармояи худиро мутобиқи СБҲМ фаро мегирад, сазовори баҳои мусбат аст. Ҳамзамон, номгуйи мукаммалгардонидаи маълумоти тавзеҳшаванда дар «Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ» ва «Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ » пешниҳоднамудаи муаллиф (ҷадвали 3, с. 33) аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Коркарди муаллифии усули аудити объектии сармояи худӣ, ки муносибати ҳамаи унсурҳои сармояи худиро ба назар мегирад, боиси дастгирист (с. 37).

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла модели ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ, кушодани ҳисобҳои таркибӣ, тартиби инъикоси амалиётҳо, модели аудити сармояи худӣ, унсурҳои алоҳидаи он ва ғ. бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешнҳодот фарқ мекунанд.

Умуман диссертатсияи Раҳматзода М.Д. тақиқоти мустақилона анҷомдодашудаи мукаммали илмӣ буда, дар сатҳи баланди назариявию методӣ иҷро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои асоснокеро дар бар мегирад, ки манфиати илмию амалию доранд.

Дар баробари муваффақиятҳои мууҳимми автореферат, аз ҷониби мо ба таври тавсия пешниҳод мегардад, ки ба назар гирифтани он метавонад аҳаммияти илмӣ ва амлии корро афзун кунад. Аз сабаби он ки мавзуи диссертатсияи унвонҷӯй ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити сармояи худӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои татбиқи технологияи иттилоотӣ ҳангоми баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ бештар диққат медод.

Камбудӣ ва норасоии дар боло қайд карда шуда, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани доираи таҳқиқот оварда шуда, хусусияти тавсиявӣ дорад ва ба мазмуни асосии диссертатсияи анҷомдодашуда монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намоем, ки автореферати диссертатсияи Раҳматзода М.Д. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Раҳматзода Мавзунахон Даврон - ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор аст.

**Мукарриз:**
**и.в., досенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**доктори фалсафа (PhD),**
**доктор аз рӯйи ихтисос** **Бобоев Ш.Н.**

Имзои Бобоев Ш.Н.- ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**
11.08.25

Суроға: 734061, ш. Душанбе, 734061, к. Деҳотӣ 1/2. ДДТТ, Тел: 992-918876565, E-mail: bobosh-85@mail.